ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

Автореферати диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва дар айни замон камтаҳқиқшудаи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, яъне пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуъ, пеш аз ҳама, аз он бармеояд, ки дар шароити таҳкими давлати ҳуқуқбунёд, таъмини дастрасии шаҳрвандон ба адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷабрдидагон ва такмили кафолатҳои мурофиавӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ на танҳо шакли махсуси мурофиаи ҷиноятӣ, балки воситаи муҳими амалисозии ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судӣ мебошад.

Арзиши илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи айбдоркунии хусусиро танҳо ҳамчун тартиби техникии баррасии парвандаҳо таҳлил накарда, балки онро аз нуқтаи назари назариявӣ, таърихӣ, қонунгузорӣ ва амалияи судӣ мавриди омӯзиши фарогир қарор додааст. Дар автореферат пайдоиш ва рушди падидаи айбдоркунии хусусӣ аз давраҳои таърихӣ то марҳилаи муосири қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, робитаи он бо ғояҳои адолати судӣ, оштии тарафҳо, ҳимояи манфиатҳои хусусӣ ва таъмини ҳуқуқҳои ҷабрдида нишон дода шудааст.

Ҷиҳати қобили тавақҷуҳ он аст, ки диссертант дар таҳқиқот ба масъалаи таносуби айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва оммавӣ муносибати мустақилонаи илмӣ зоҳир намудааст. Пешниҳоди муаллиф оид ба тақдиди назар намудани моддаи 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷудо намудани айбдоркунӣ ба ду намуди асосӣ, яъне айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Ин пешниҳод метавонад барои

такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва бартараф намудани номуайяниҳои меъёрӣ мусоидат намояд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф таърифи муаллифонаи мафҳуми айбдоркунӣ ва айбдоркунии хусусиро пешниҳод намуда, аломатҳои ҳуқуқӣ ва мурофиавии онро муайян кардааст. Ҳамчунин, масъалаҳои оғоз намудани пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, нақши айбдоркунандаи хусусӣ, салоҳияти судя, тартиби санҷиши ариза, ҷамъоварии далелҳо ва қатъи пешбурд бинобар оштии тарафҳо ба таври муназзам таҳлил шудаанд. Заминаи методологии таҳқиқот низ қавӣ буда, муаллиф аз усулҳои диалектикӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва мантиқӣ истифода бурдааст. Қобили қайд аст, ки таҳқиқот ба амалияи солҳои 2019–2025 ва маълумоти оморӣ-таҳлилӣ такя мекунад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот махсусан дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти судҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ, инчунин дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳо оид ба дақиқ намудани ваколатҳои судя, санҷиши аризаи айбдоркунии хусусӣ, мусоидат ба ҷамъоварии далелҳо ва эҳтимоли ҷорӣ намудани воҳиди судяи оштидиҳанда, ҷиҳати беҳтар намудани амалияи судӣ аҳамияти назаррас доранд.

Дар баробари арзиши баланди илмӣ, баъзе масъалаҳо метавонанд мавриди такмили минбаъда қарор гиранд. Аз ҷумла, мувофиқи мақсад мебуд, ки дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти айбдоркунии хусусӣ боз ҳам васеътар муқоиса карда шуда, имконияти татбиқи моделҳои муваффақ дар шароити ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххастар асоснок мегардид. Ҳамчунин, масъалаи тавозуни манфиати ҷабрдида, судшаванда ва давлат дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ метавонад дар таҳқиқоти минбаъда боз ҳам амиқтар таҳлил шавад. Бо вуҷуди ин, ин эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии кори анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ аз сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ, мустақилияти назариявӣ, асоснокии хулосаҳо ва аҳаммияти амалии пешниҳодҳо шаҳодат медиҳад. Мавзуъ мубрам, мазмун пурра, навгониҳои илмӣ асоснок ва натиҷаҳо барои рушди илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд ва нашр 17 мақолову баромадҳои доир ба мавзуи диссертатсия, далели ин гуфтаҳост.

Хулоса. Аз омӯзиши матни пурссаи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ пурра ба талаботи ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ман чунин мешуморам, ки диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад

Тақриздиҳанда:
мудири кафедраи ҳуқуқшиносии
МД “Донишкадаи байналмилалии
Хуҷанд”-и МД “ДБССТ”,
н.и.ҳ., дотсент **Акилов Ф.И.**

Имзои Акилов Ф.И.-ро тасдиқ мекунам: Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и ДБССТ.
Суроға: в.Суғд, ш.Хуҷанд, мкр. 27, бинои 1
Раҳимов Н.И. Сана “22” 05 2026с.